САҲМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РУШДИ ИЛМУ МАОРИФИ МИЛЛӢ

13 ноябри соли 2026 бо ташаббуси Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди илму маорифи миллӣ» баргузор гардид. Конфронси мазкур дар доираи омӯзиш ва таҳлили нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими истиқлолияти давлатӣ, барқарорсозии сулҳу ваҳдати миллӣ, рушди низоми маориф ва фароҳам овардани заминаҳои пешрафти илму маърифат ташкил карда шуд.
Қобили зикр аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ рушди илму маорифро аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ арзёбӣ намуда, дастгирии ин соҳаҳоро сармоягузорӣ ба ояндаи миллат ва давлат медонанд. Дар ин замина, омӯзиши дастовардҳои соҳаи маориф дар даврони соҳибистиқлолӣ ва муайян намудани вазифаҳои минбаъдаи муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аҳаммияти махсус касб менамояд. Конференсияро директори Пажӯҳишгоҳ Сироҷиддин Ниёзӣ бо сухани ифтитоҳӣ оғоз намуд. Зимни суханронӣ ба нақши таърихии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар барқарорсозии сулҳу субот, таҳкими ваҳдати миллӣ ва рушди давлатдории навини тоҷикон таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Дар ин замина таъкид гардид, ки мардуми Тоҷикистон саҳми Пешвои миллатро дар раванди расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ, баргардонидани гурезагони тоҷик ба Ватан, барқарорсозии сохторҳои давлатӣ ва фароҳам овардани заминаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар муҳим арзёбӣ менамоянд. Ҳамзамон, ба талошҳои Сарвари давлат ҷиҳати сафарбар намудани имконияту захираҳои мавҷуда барои ободонии мамлакат, беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва рушди соҳаҳои ҳаётан муҳим, бахусус илму маориф, ишора карда шуд. Дар идомаи конференсия Исмоилов Вайсидин, ёвари директори Пажӯҳишгоҳ, дар мавзуи «Саҳми Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди маориф ва илми кишвар» маърӯза намуд. Мавзуи суханронӣ нақши Сарвари давлатро дар муайян намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати маориф, рушди муассисаҳои таълимӣ, дастгирии фаъолияти илмӣ ва таҳкими заминаҳои ҳуқуқию ташкилии соҳаи маориф фаро гирифт. Сипас, Шарифиён Муқаддас, ходими пешбари илмии шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳ, дар мавзуи «Пешвои миллат - рамзи сулҳу ваҳдат ва эҳёи давлатдории миллӣ» суханронӣ намуд. Дар доираи мавзуъ масъалаҳои нақши Пешвои миллат дар раванди сулҳофаринӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, барқарорсозии сохторҳои давлатдорӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ,

бахусус илму маориф, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар ҷараёни конференсия масъалаҳои рушди илму маориф дар солҳои соҳибистиқлолӣ, нақши сулҳу суботи сиёсӣ дар пешрафти ҷомеа, таҳкими худшиносии миллӣ ва масъулияти аҳли илм дар тарбияи насли соҳибмаърифату ватандӯст мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Баргузории конференсияи мазкур дар Пажӯҳишгоҳ ба омӯзиши илмии равандҳои давлатсозӣ ва рушди маорифи миллӣ, таҳкими маърифати таърихию сиёсӣ, арҷгузорӣ ба сулҳу вахдати миллӣ ва муайян намудани вазифаҳои аҳли илм дар пешрафти минбаъдаи соҳаи маориф равона гардидааст.











